آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

6 январи соли 2024 Шанбе № 2 (15013)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

2024 – СОЛИ ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН ВА ТИҶОРАТ

ҶАВОНОН – ОЯНДАСОЗИ ВАТАН

Дар байни зиёда аз 250 кишвари дунё ҷойи пой пайдо кардани давлатҳое чун Ӯзбекистон, ки ҳамагӣ се даҳсола пеш соҳиби истиқлол гаштаанд, кори осону саҳле нест ва он бидуни заҳмат ва меҳнати фаровон ба даст нахоҳад омад.

Дар ин «маҳшаргоҳ» муборизаҳо шадид ва беамон буда, аз давлатҳои ҷавон ҳушёрӣ ва заковатро талаб мекунад. Ин арсаи набардро ман чун дори баланде тасаввур мекунам, ки дорбозон аз рӯйи як хат сим моҳирона гом мебардоранд. Як қадами бечо ва як ҳаракати бемавқеъ бо фоҷиа тавъам хоҳад гашт!

Қонуни ҳаёт мураккаб аст, ки ҳар як давлат кӯшиш ба харҷ медиҳад, то мавқеи худро мустаҳкам кунад ва нуфузашро ба дигарон густариш дода, барои обрӯяш часпу талош варзад. Хоса дар замони мо, ки солҳои охир, мутаассифона, авзои ҷаҳон ноором шудааст ва аз ҳар сӯ садои ҷангу ҷангҷӯён баланд гашта, ба ҳаёти одамон ва осоиши онҳо таҳдид мекунад, аз роҳбарони давлатҳо низ як сиёсати хирадмандона таҷозо месозад. Дар чунин шароити хеле ҳассос, ки дар замираш бешак манофеи иқтисодӣ хоб аст ва давлатҳои абарқудрати дунё аз барои чунин нафъи саркаш омода ҳастанд, ки пеши роҳ кишварҳои ҷавонро қурбони хостаҳои худ – тобеи якумрӣ гардонанд, ҳушёриву зиракии роҳбарон ва мардуми онҳо хеле зарур аст. Хоса, ҷавонон бояд омода бошанд ва дар канори роҳбари кишвар қарор гирифта, фикру зикри худро пойбанди пешрафти Ватан гардонанд.

Ӯзбекистон аз рӯзҳои нахустини истиқлолияташ бо ҳамсоякишварҳои хеш як сиёсати ороми сулҳхоҳонаро, ки дар пай равобити ҳасана ва ҳусни ҳамҷаворӣ дорад, роҳандозӣ кард ва ин сиёсати хирадмандона имрӯз аз ҷониби раҳбарияти кунунии давлатамон дар сатҳи боз ҳам олӣ идома дорад. Барқарор гаштани муносибатҳои хуби шоёни таҳсин байни ҳамсоякишварҳоямон, сода шудани режими раводид ва бартараф гаштани монеаҳо дар омаду рафт ба кишвари ҳамдигар далели ин гуфтаҳост. Аммо бояд таъкид кард, ки то дар минтақа нуфузи кишварамон зиёд гардад ва он аз ҷониби давлатҳои абарқудрат ба таври бояду шояд шинохта шавад, роҳбарони давлат – фарзандони некноми Ватан шабону рӯзон заҳмат мекашанд. Ӯзбекистон дар ин авохир барои ноил шудан ба як кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ ғанӣ ҳаракат дорад ва дар ин росто пайгирона қадам мебардорад. Маълум аст, ки то иқтисоди кишвар рушд накунад, ҳалли соири мушкилоти вобаста ба дохил ва хориҷи давлат муяссар намешавад.

Ӯзбекистон дар Конституторсияи худ бо ҳарфҳои хоно қайд намудааст, ки як «давлати иҷтимоӣ» ба ҳисоб меравад, бинобар ин дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ бештар тамаркуз гирифтаву барои беҳбуд бахшидани шароити зисти мардум кӯшиш ба харҷ медиҳад. Аммо бояд гуфт, ки ҳалли кулли мушкилоти иҷтимоӣ бидуни иқтисоди пешрафта номумкин аст. Аз ин рӯ, раҳбарияти кунунии кишвар бо ҷалби сармояҳои хориҷа ба сохтани коргоҳҳои муқтадир, ки ба ҷуз таъмини талаботи бозори дохилӣ, маҳсулоти худро ба хориҷи кишвар содир намуда, бучаи давлатро ғанӣ хоҳанд кард, бештар эътибор медиҳанд. Маълум аст, ки барои расидан ба ин ҳама орзуҳо, ки дурнамои кишвари моро ифода мекунанд, мардуми мо бояд омода бошанд. Хоса, ҷавонон ҳамқадами вақт гашта, дар ин замонаи мураккаб, ки дар ҳар қадам як дом дорад ва ҳар лаҳза сар задани фитнаҳое аз эҳтимол дур нест, омода бошанд.

Масъалаи ҷавонон дар ҳама давру замон аз масоили ҳассос ва нигаронкунандаи ҷомеа ба шумор меравад ва дар сурати бепарвоӣ ва нодида гирифтани мушкилоти онҳо муаммоҳои боз ҳам печида падид меоянд. Масалан, дар сурати беэътиборӣ ҷавонон метавонанд таҳти таъсири гурӯҳҳои ифротӣ қарор ёфта, билохира ба амнияти Ватани худ халал ованд. Ин аст, ки ҳама доираҳои сиёсӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки аз ин неруи сабз ва ҳамеша дар талотум ба нафъи худ истифода кунанд. Ҷавонон мудом дар маркази диққати сиёсатмадорон қарор гирифта ва беҳуда нест, ки раҳбарияти имрӯзаи давлати мо низ такя ба ин неруи сабз ованд.

Аз ҷониби роҳбари давлат унвон гирифтани соли нави 2024 чун Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат давоми мантиқии сиёсати ӯ дар роҳи рушди иқтисодиёти кишвар, ноил гардидан ба як мамлакати аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта мебошад. Ӯзбекистон дурнамои тараққиёти худро то даҳ соли баъдӣ таҳия намудааст ва тибқи он кишвар бояд аз як мамлакати воридкунандаи коло ба содиркунандаи маҳсулоти тайёр ноил гардад. Барои расидан ба ин орзу соли рафта бештар ба сифати таълим эътибори ҷиддӣ дода шуд ва ислоҳоти соҳаи мазкур аз ин баъд низ бо суръат идома хоҳад кард. «Масъалаи ҷавонон» ҳам давоми мантиқии ҳамин ислоҳот ба шумор меравад. Зеро ҳукумат ҳоло бештар ба заковат, илму дониш ва ҳунари волои ҷавонон такя ованд ва табиист, ки маншаи он боз ҳамон мактабу маориф мебошад, ки тараққиёти давлатро бидуни ривоҷи бояду шояди он тасаввур кардан душвор аст. Дар маркази эътибор қарор ёфтани ҷавонон боиси хурсандиҳост. Зеро маҳз ҳамин қишри ҷомеа ояндасози кишвар ба шумор меравад ва агар мушкилоти ҳаёти ҷавонон имрӯз ҳал нагарданд, рушди иқтисодие, ки ҳукумат барои расидан ба он беш аз беш ҳарисона ҳаракат дорад, бо кундӣ идома хоҳад кард. Ҳал намудани мушкилоти рӯзгори ҷавонон кори як солу ду сол нест ва инро ҳукумати кишвари мо хуб дарк мекунад ва ин аст, ки ҳар сол дар ин самт пайгирона қадам мебардорад. Яке аз мушкилоте, ки имрӯз ҷавононро азият медиҳад, кам будани ҷойҳои кории доимӣ дар дохили мамлакат аст. Аз ин рӯ, қисми бештари онҳо ба хориҷи кишвар мераванд ва дар мусофирату муҳоҷират зиста, аз барои ояндаи худ маблағе ба даст меоранд. Бештар ба рушди иқтисодӣ ноил гардидан ва ба ин тартиб таҳия намудани ҷойҳои кории доимии сердаромад аз дурнамои кори ҳукумати имрӯз маҳсуб меёбад ва барои расидан ба чунин орзу тамоми чораҳо андешида мешаванд. Масъалаҳои иҷтимоии мардум, хоса ҷавонон бештар ҷанбаи иқтисодӣ доранд ва бо дарки ин маънӣ ҳукумат низ қотеъона дар рушди иқтисоди кишвар камари ҳиммат бастааст. Аз тамоми кишварҳои дунё сармоядоронро ҷалб месозад ва барои онҳо шароити мусоид фароҳам сохта, заминаи барои рушди минбаъдаи кишвар мегузорад. Соҳибкорони маҳаллӣ низ аз эътибор наафтодаанд, баръакс, барои ривоҷи кори онҳо низ шароит муҳайёст. Ин як сохтори мураккабест, ки танзими хирадмандонаеро талаб мекунад ва имрӯз майлони рушди иқтисодии кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки Ӯзбекистон дар роҳи рост қарор дошта, ба ҳадафҳои худ бо қадамҳои устувор наздик мешавад.

Аммо ҷавонони моро зарур аст, ки аз ҳадафҳои роҳбари давлат дар ноил гардидан ба сохтани Ӯзбекистони Нав огоҳ бошанд ва чун як неруи муқтадиру сабз ба пешрафти Ватан, ободии он, обрӯю эътибори вай дар арсаи байналхалқӣ аз тамоми имконоти мавчуда кор гиранд. Дониши худро зиёд ва билохира дар хидмати Ватани ҷонаҷон қарор диҳанд. Умедворем, ки Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат самари муфиде хоҳад дод ва ҷавонони мо бештар ба илму маърифат рӯй оварда, неруи ақлии худро рушд мебахшанд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти СУРХОНДАРЁ.

ДАР НОМИ СОЛ МАЪНИИ МАНТИҚӢ ҲАСТ

Инак, соли 2023 анҷом ёфт. Вай барои Ӯзбекистон соли воқеаҳои дорои аҳамияти умумичаҳонӣ ва таърихӣ гардид. Соли 2023 барои кишвари мо соли фаровонӣ буд, дар мамлакат сулҳу салоҳ ва некӯҳолӣ ҳукмрону дар байни намояндагони миллатҳои мухталифе, ки дар Ӯзбекистон зисту зиндагӣ доранд, муҳити дӯстиву ҳамдилӣ барқарор буд. Дар пояи раванди «Барои шаъну шарафи инсон» корҳо бобати татбиқ намудани Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», ки рушди ояндаи моро муайян месозад, оғоз ёфтанд.

Дар арафаи соли нави 2024 дар табрикоти солинавии мардуми Ӯзбекистон Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев чорабиниҳои асосии соли даргузарро, ки дар ҳаёти мо нақши амиқ гузоштанд, хотиррасон кард. Чунончи, бори аввал халқи мо аз тариқи раъйпурсӣ Сарқонуни навро қабул намуд.

«…Бешубҳа, дар ҳаёт баробари хурсандиву комёбиҳо мушкилоту ташвишҳо ҳам мешаванд, – зикр кард Президент. – Вале инсон ва халқ ба шарофати зеҳни худ, меҳнати фидокорона, иродаи мустаҳкам қодир аст ҳама гуна санҷишҳоро паси сар намояд».

Миллионҳо нафар хориҷиёне, ки ба кишвари мо омадаанд, ба корҳои созандагие, ки дар мамлакатамон татбиқ мешаванд, баҳои мусбат додаанд. Дар арсаи байналхалқӣ аз ҷониби Президенти мо ташаббусҳои муҳим пешбарӣ шуданд.

Бо мақсади ба ҳаёт татбиқ сохтани вазифаҳое чун баланд бардоштани шарафи инсон, таъмин кардани манфиатҳои аҳолӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев соли 2024-ро дар мамлакати мо «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» эълон кард.

Барои мо дар ин ташаббуси дастгирии ҷавонон ва тиҷорат мафҳуми бузург нуҳуфтааст. Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки дар кишварамон зиёда аз 60 фоизи аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ин маънои онро дорад, ки бояд фарогирӣ бо таълими томактабӣ вусъат пайдо кунад, бобати ҳаллу фасли мушкилот дар низоми таълими халқ, баланд бардоштани сифати он, амиқсозии ислоҳоти низоми таълими олӣ ва аз байн бардоштани мушкилот, такмил додани низоми таълими касб ва ҷавонон чораҳо қабул карда шаванд, барои онҳо ҷойҳои нави корӣ ташкил гарданд. Афзоиши 900 ҳазор нафараи солонаи аҳолии мамлакат таҷозо дорад, ки дар самти мазкур қарорҳои дахлдор ва таъҷилӣ қабул карда шаванд.

Мо таҳти мафҳуми «дастгирии тиҷорат» чиро мефаҳмем? Биёед эътибори худро ба ин масъала ҷалб намоем. Пеш аз ҳама, маънии вожаи business (тиҷорат) – кор, шуғл, корхона аст. Яъне дар таҳти ифодаи дастгирии тиҷорат мо бояд дастгирии шуғл, корхона ва корро идрок намоем. Ҳар қадар, ки тиҷорат инкишоф ёбад, ҳамон қадар ба коргар талаб меафзояд, ин маънои онро дорад, ки аҳолӣ бо шуғл таъмин мешаванд, ҷалби ҷавонон ба ҷараёни муҳоҷират кам мегардад.

Тавре ки дар муборакбодии Президент таъкид гардид, дар соли нав ба ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва иқтисодиёти мо, рушди илм, техника, инновацсияҳо, соҳаи IT, технологияҳои сабз ва рақамӣ эътибори махсус дода мешавад.

Хулоса, тамоми неру ва имкониятҳо ба сохтмони ҳаёти нав, Ӯзбекистони Нав нигаронида хоҳанд шуд.

Абира ҲУСЕЙНОВА,
узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
намояндаи минтақавии Омбудсман дар вилояти Бухоро.
ЎзА.

Ислоҳоти оид ба рушди минбаъдаи саноати сабук, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, фароҳам овардани муҳити хуби корӣ барои соҳибкорон, ки дар кишвари мо татбиқ мешаванд, натиҷаҳои мусбат медиҳанд.

ДАР ҚАШҚАДАРЁ БОЗ ЯК ФАБРИКАИ БОФАНДАГӢ БА КОР САР КАРД

Аз ҷумла, ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Rus-Dost tekctil» дар ноҳияи Яккабоғи вилояти Қашқадарё лоиҳаи навбатиро бобати истеҳсоли матоъҳои тайёр татбиқ менамояд, ки арзишаш 6 миллиону 800 ҳазор евро мебошад.

– Мо аз имтиёзҳое, ки соли 2022-юм бо ташаббуси роҳбари давлат барои соҳибкорон пешниҳод зори корхона Фахриддин Азизов. – Моҳи октябри соли сипаришуда фабрика ба истифода супурда шуд. Иқтидори солонаи истеҳсолот 8 миллион метри мураббаъро ташкил медиҳад, 80 фоизи маҳсулоти истеҳсолшуда ба содирот меравад, 20 фоизи он дар бозорҳои дохилӣ фурӯхта мешаванд. Бо Туркия ва Русия муоҳидаҳои содиротӣ ба имзо расиданд.



шуда буданд, истифода бурда, аз бонк дар ҳаҷми 4 миллиону 400 ҳазор евро вом гирифтем ва аз Белгия дастгоҳҳои бофандагӣ овардем, – мегӯяд коргузори корхона Фахриддин Азизов.

Арзиши умумии лоиҳа 6 миллиону 800 ҳазор евро аст, аз он 4 миллиону 400 ҳазораш воми бонк, 2 миллиону 400 ҳазор еврои дигар маблағи ташаббускорон мебошад. Дар корхона 14 навъи матоъ (сатин, габардин, паплин ва ғайра, ки аз пахтаи вилоят истеҳсол шудаанд), ки ба меъёрҳои аврупоӣ мувофиқат мекунанд, яъне барашон 220 ва 280 сантиметр аст, истеҳсол мешаванд.

– Алҳол иқтидори истеҳсоли шабонарӯзии корхона 16 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад, – мегӯяд Ф.Азизов. – Ҳарчанд мо корро ба қарибӣ оғоз намудем, иқтидори истеҳсолии мо, аллакай 60-65 фоизро ташкил медиҳад, аз ибтидои соли нав бошад, пешбинӣ мегардад, ки ин нишондиҳанда ба 80-85 фоиз расонида шавад. Соли равон ба кор гузоштани давраи дуюми лоиҳаи фабрикаи бофандагӣ барои 100 ҷойи кор пешбинӣ гардидааст, ки дар он матоъҳои истеҳсолшуда ранг дода мешаванд, ҳамчунин сару либос истеҳсол карда хоҳад шуд.

Дар натиҷаи ба ҳаёт татбиқ сохтани ин лоиҳаи пешомаднок шаҳрвандони маҳаллӣ, ки ба дафтарҳои «оҳанин», «занон» ва «ҷавонон» ворид шудаанд, бо кор таъмин мегарданд.

– Ман то имрӯз бекор будам, – мегӯяд Дилноза Хуррамоваи яккабоғӣ. – Ба кор оғоз намудани фабрикаи бофандагӣ барои чун ман занони бекор хеле хуб шуд. Фабрика аз манзили мо дур нест. Барои коргарон тамоми шароит фароҳам оварда шудаанд, маош сари вақт дода мешавад. Ман хеле хурсандам, ки ба бучаи оила саҳми худро мегузорам.

Кушода шудани чунин корхонаҳои бузург, нафақат аҳолии бекорро бо шуғл таъмин мекунад, балки боз барои коркарди амиқи пахтае, ки дар кишварамон парвариш карда мешавад, имконият фароҳам меоварад, иқтидори содиротии мамлакатро баланд мебардорад.

Ўлмас БАРОТОВ,
хабарнигори ЎзА.
Суратгир:
Ҷ. НОРҚОБИЛОВ
(ЎзА).

Тавре хабар додем, ҳайати Самарқанд бо сарварии ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов 11-16-уми декабри соли 2023 дар як қатор провинсияҳои Хитой буданд.

ИМКОНИ ТАҲСИЛ ДАР ХИТОЙ ФАРОҲАМ ГАРДИД

Дар доираи ин ташриф миёни ҳокимияти ноҳияи Кӯшработ ва Донишгоҳи технологии Hebei-и Хитой созишномаҳо ба имзо расида буданд.

– Дар асоси созишнома як гурӯҳ ҷавонон имконияти таҳсилгириро дар ин муассисаи таълимӣ пайдо карданд, – гуфт ҷонишини ҳокими ноҳия Холбек Кубаев. – Имрӯзҳо донишгоҳи Хитой ҷавонони кӯшработиро барои таҳсил дар самтҳои идораи соҳибкорӣ, маркетинг, муҳандисии тамос, сайёҳӣ ва ғайра даъват мекунад. Онҳо дар асоси грант таҳсил гирифта, метавонанд аз имтиёзҳое, ки барои ҷавонон фароҳам оварда шудааст, истифода баранд.

Ҳоло ба рӯйхат гирифтани талабгорон оғоз шудааст. Довталабон моҳи феврал аз имтиҳони онлайн гузаронида шуда, 40 нафар имкони таҳсилро дар Хитой ба даст меоранд.

Онҳо аз моҳи март дар курсҳои бозомӯзии забони хитоии назди донишгоҳ таълим гирифта, моҳи сентябр аз рӯйи ихтисос дарс меҳонанд. Таҳсил аз се сол дар марҳилаи бакалавр ва як сол дар магистратура иборат аст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

СОҲИБКОРИ ЗАМБУРӮҒПАРВАР

Дар ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё парвариши замбурӯғҳои қобили истеъмол ба роҳ монда шуданд, ки талаботи бозорҳои дохилии ҷумҳуриро таъмин месозанд.

Ин коргоҳ аз ҷониби Ширкати саҳҳомии масъулияташ маҳдуди «Олтин агро ҳосил маҳсулотлари» ташкил шуда, дар ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Ҳамкорлик»-и ноҳия ҷой гирифтааст.

Раиси маҳаллаи мазкур Саидмурод Холмуродов гуфт, ки аҳли маҳалла чун аз нияти соҳибкор огоҳ гаштанд, зуд барояш шароит муҳайё сохтанд ва таҳхонаи як бинои солҳо бекорхобидаро ҷудо карда, дар ихтиёраш гузоштанд. Бо шарофати ин соҳибкор ҳам коргоҳи нав бунёд ёфт, ҳам як ҷойи нообод дубора таъмир ва мавриди бахрабардорӣ қарор гирифт. Ба гуфтаи С. Холмуродов, бо азми чунин соҳибкорон бозорҳои дохилии кишвар аз маҳсулоти зарурӣ пур мегарданд ва ин ба некӯаҳволии мардум мусоидат хоҳад намуд.

Айни ҳол дар коргоҳи замбурӯғпарварии «Ҳамкорлик» чор тан аз мардуми маҳаллӣ бо шуғли доимӣ таъмин шуда, роҳбарияти он ният доранд, ки бо афзудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда шумори ҷойҳои кориро низ зиёд кунанд.

Ҳоло як килограмм замбурӯғҳои истеҳсолкардаи коргоҳ дар бозорҳо ҳудуди 25-30 ҳазор сӯм ба фурӯш мераванд.

Яке аз коргарони ин коргоҳи навташкил Ғулом Бердиев изҳор дошт, ки навъи «Вешенко»-и замбурӯғро бештар мепарваранд. Азбаски навъи мазкур фоидабахш аст, дар байни аҳолӣ талабгоронаш низ зиёдтар ҳастанд.

Раиси маҳаллаи «Ҳамкорлик»-и ноҳияи Косон Саидмурод Холмуродов гуфт:

– Ин нахустин коргоҳ дар ҳудуди маҳалла ба шумор меравад. Аз ин баъд чораҳои муассири рушди соҳибкориро дар ин ҷойи дурдаст ҳоҳанд ҷуст. Ба таъкиди ӯ, қарору фармонҳои роҳбари давлат дар бораи ривоҷ додани соҳибкорӣ дар деҳоти дурдаст ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ ҳамеша дар мадди назари роҳбарони маҳаллӣ буда, аз тамоми имконоти мавчуда истифода хоҳанд шуд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

ЧОРАБИНИҲО БА РУШДИ ТУРИЗМ МУСОИДАТ МЕКУНАНД

Вилояти Фарғона яке аз вилоятҳои дорои ёдгориҳои меъмориву таърихӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Шаҳрҳои Марғелон, Фарғона, Қуқанд, Риштон, Қува ва амсоли ин солона сайёҳони зиёди маҳалливу хориҷиро мепазиранд. Ҷойи шубҳа нест, ки дар зеҳни онҳо боздиди ёдгориҳои таърихиву меъморӣ як олам таассурот мебахшад.

Аз ҷумла, шаҳри куҳанбунёди Марғелон, ки ҳанӯз дар асрҳои IV-III пеш аз солшумории милодӣ арзи вуҷуд намудааст, бо чунин ёдгориҳои худ дар олам хеле маъруфу машҳур гаштааст.

Марғелон дар асрҳои II-I пеш аз милод, вақте ки яке аз роҳҳои Роҳи бузурги абрешим аз Фарғона мегузашт, ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, ҳар як сайёҳе, ки ба ин ҷо ташриф оварад, аз масҷиду мадрасаҳо, биноҳову иншооти гуногуни он боздид менамояд.

Инчунин сафар ба шаҳрҳои дигари вилояти мо низ, мисли Қуқанд ба ҳар як сайёҳ таассуроти амиқ боқӣ мегузорад. Дар ин шаҳр низ мо чанд чорабинӣ баргузор кардем.

Муштариёни рӯзномаи «Овози тоҷик» дар тӯли сол аз роҳандозии чорабиниҳои зиёди мо огоҳ мебошанд. Ҳамаи он бо ширкати намояндагони чандин кишварҳои дуру наздик баргузор шудаанд. Аммо ҳоло мехостам дар бораи он низ нақл кунам, ки дар соли сипаришуда дар вилояти мо маҳз чӣ тадбирҳое пиёда гардиданд, ки метавонанд дар рушди сайёҳӣ нақши муҳим дошта бошанд.

Яке аз чунин чорабиниҳо ифтитоҳи Маркази рассомон дар шаҳри Қуқанд мебошад. Он дар асоси Қарори Сарвари давлат аз 29 июли соли 2022 «Дар бораи чораҳои рушди босуръати ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо кишварҳои туркзабон» бунёд ёфтааст. Ин марказ дар хиёбони туризми «Истиқлол»-и ин шаҳр воқеъ гаштааст ва онро «Арт-қароргоҳ» низ меноманд.

Мо барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон ба шаҳри Марғелон ҷашнвораи байналмилалии мусиқии «Роҳи бузурги абрешим»-ро баргузор намудем. Он дар «Боғи ҳунармандон»-и шаҳр ба вуқӯъ пайваст.

Дар вилояти мо ба рушди туризми варзишӣ низ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Барои ҳамин дар варзишгоҳи «Истиқлол»-и шаҳри Фарғона дӯстдорони мошину мотоварзишро гирдиҳам овардем ва «Дрифт-шоу» барпо намудем. Тамоми дӯстдорони варзиши автомобилӣ ба баҳрабардории худ намоишҳои автодрифтро тамошо карданд, ки маҳз барои рушди туризми варзишӣ ташкил шудаанд.

Соҳибкорони вилоят барои ҷалби сайёҳон бо намояндагони бахши сайёҳии Миср, Қазоқистон, Малайзия, Қирғизистон ва Русия ба тавофуқ расиданд. Аз ҷумла, Ёддошти тафоҳум дар бораи шарикӣ ва ҳамкории амалӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба маблағи 2 миллион доллар байни Садорати сайёҳии вилоят ва ширкатҳои сайёҳии «Водӣ сайёҳ» ва «Машҳура травел» ва ҳайати намояндагии шаҳри Ӯши Қирғизистон ва ширкатҳои бузурги дигари сайёҳӣ ба имзо расид.

Дар доираи мулоқотҳо ва имзои Ёддошти тафоҳум ба роҳ мондани робитаҳо дар соҳаи сайёҳӣ, мусоидат барои ташкили турҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, такмили ихтисоси кадрҳо, рушди ҳамкорӣ дар соҳаи фурӯши маҳсулоти саноати ҳунармандӣ мадди назар дошта шуданд. Дар радифи он баъди мулоқот бо мудири ширкати ҳавонавардии «AIR CAIRO» Салоҳ Қодирӣ ба нақша гирифтем, ки аз моҳи феврали соли 2024 ба шаҳри Фарғона парвозҳои мустақим ба роҳ монда хоҳанд шуд. Ин ширкати ҳавопаймоии чартерии Миср, ки қароргоҳаш дар Қоҳира ҷойгир аст, тибқи қарордодҳо бо ширкатҳои сайёҳии Аврупо, Африқо ва Осиё ҳамлу нақли мусофиронро анҷом медодааст.

Зимни дидору мулоқот бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода низ масъалаи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Шаҳрвандони зиёди Тоҷикистон ба шаҳрҳои Фарғонаву Марғелон, Қуқанду Риштон ташриф меоваранд ва аз зиёратгоҳҳои он боздид ба амал меоранд. Сокинони аҳолии вилояти мо низ ба вилояти Суғди Тоҷикистон ва минтақаҳои дигари он сафар мекунанд.

Ҳоло дар бораи як ҷашнвораи доманфарох таваккӯф мекунам, ки нуфузи кишвари моро дар чаҳор иқлим беш аз пеш маъруфу машҳур намуд. Ин ҷашнвораи байналмилалии ҳунармандон аст, ки бори дувум дар шаҳри Қуқанди латиф гузаронида шуд. Аз 70 мамлакати дунё 260 нафар меҳмонон вориди ин шаҳри қадимӣ шуданд ва муддати се рӯз шоҳиди рӯйдодҳои муҳими фарҳангӣ гардиданд.

Дар ҳошияи ин ҷашнвора дар ноҳияи Риштон ҳамоиши байналмилалии кулолгарӣ баргузор гардид.

Мо соли 2023-ро бо дастовардҳои зиёду хуб ҷамъбаст намудем. Аммо бо ин кифоят нахоҳем кард ва дар соли нави 2024 корҳоеро ба сомон хоҳем расонд, ки ҷиҳати ҳарчи бештари ҷалби сайёҳони маҳалливу хориҷӣ ба вилоят мусоидат менамоянд. Сохтмони меҳмонхонаҳои наву замонавӣ, тафреҳгоҳҳо, намунаи беҳтарини хидматрасониҳо дар марказзи эътибори мо қарор доранд.

Дар охир муштариёни рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро бо фарорасии соли нави милодӣ самимона шодбош мегӯям ва умедворам, ки соли 2024 орзуву ормонҳои зиёди онҳоро бароварда хоҳад сохт. Соли нав муборак бод!

Хуршедҷон АҲМАДОВ,
ҷонишини ҳоким,
сардори Садорати туризми вилояти Фарғона.

МАВЗЕИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ДАР ҒИЖДУВОН НИЗ БА ИСТИФОДА СУПОРИДА ШУД

Мувофиқи Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи чораю тадбирҳои бунёд кардани мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав» ва таъмин намудани рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо», аз 9 декабри соли 2021, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Барака»-и ноҳияи Ғиждувон ҷараёнҳои сохтмону бунёдкориҳо ба мақсади беҳтар намудани шароити зисти аҳолӣ дар ҳудудҳо мувофиқи талабҳои шаҳрсозии муосир вусъат додани сохтмони манзилҳои зебои бисёрошёна, инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ, инчунин шабакаҳои муҳандисию коммуникатсионӣ, оқилона истифода бурдани захираҳои замин ва рушди ҷараёнҳои урбанизатсияи нуқтаҳои аҳолинишин оғоз ёфта буданд, ба охир расиданд.

Дар ин ҷо маросими ба истифода супурдани мавзеи Ӯзбекистони Нав ба амал омад. Дар он собиқадорони меҳнат, фаъолони маҳалла иштирок карданд. Ҳокими вилоят ва собиқадори меҳнат Шаҳло Хӯҷаева ва дигарон ҷамъомадагонро ба муносибати ба истифода супоридани мавзеи нав муборакбод намуданд.

Ҳоло дар ин ҷо 24 бинои панҷошёна, ки 468 оилаи ҷавонро дар бар гирифтаанд, қад боло кардааст. Ин иморатҳо ба туфайли меҳнати самараноки пудратчиёни ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Agro Mir Bulding» ва бинокорон бунёд гардид. Бо мақсади таълиму тарбияи наврасон дар ин ҷо мактаби таълими умумии сеошёна (барои 1056 талаба), муассисаи таълими томактабии давлатӣ (дорои 360 ҷой), дар шафати он бинои дуошёнаи поликлиникаи оилавӣ ба фаъолият оғоз кардааст. Манзили аввалини мавзеъ ба варзишгари умедбахш, се карат чемпиони Осиё Узукҷамол Юнусова бепул инъом гардид.

Барои иштирокдорони чорабинӣ дасторхони пурфайз оростанд. Консерти устодони санъат ба ҳозирон завқи идона бахшид.

А. АВЕЗОВ,
мухбири
«Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ХАБАРҲО

БОЗОРИ ДЕҲҚОНИИ ҚЎЙЛИҚ МУВАҚҚАТАН ПӮШИДА МЕШАВАД

Қўйлиқ яке аз калонтарин бозорҳо дар пойтахт буда, хусусан нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар он арзонтар аст. Бинобар ҳамин он нисбати дигар бозорҳо серодамтар.

Вақтҳои охир Қўйлиқ рӯ ба ободӣ ниҳод, барои харидор ва фурӯшандагон қулайиҳо фароҳам оварда шуд. Бо ба кор андохта шудани роҳҳои зеризаминӣ ва ба тартиб андохта шудани ҳаракат дар гузаргоҳҳо амнияти пиёдагон то андозае таъмин гашт. Маҷмӯъҳои нави савдо мавриди истифода қарор гирифтанд. Ҳоло даврае фаро расида, ки бозори деҳқонӣ ба навсозиву таъмири пурра фаро гирифта шавад. Дар ин муддат бинобар қарори ҳокими шаҳри Тошканд бозор пӯшида мешавад. Ҳокимият аз соҳибкорон мепурсад дар маҷмӯъҳои савдои гирду атроф мувақкатан фаъолият баранд. Барои онҳо дар давраи кӯчиш кулли имкониятҳо фароҳам оварда мешавад.

МАҚСАД – САРФАИ ЭНЕРГИЯИ БАРҚ

Маълум, ки чанде пеш нархҳои нав барои истифодаи барқ ҷорӣ шуда, истеъмолгаронро водор месохт то ҳадди имкон ба сарфакорӣ эътибори муҳим диҳанд.

Коэффитсентҳои афзоянда барои истеъмоли энергияи барқ ҷорӣ гашт. Яъне дар вақти аз 1000 кВт/соат боло рафтани истифодаи барқ, ки дар ҳисобкунак сабт шудааст, абонент маҷбур аст ҳаққи барилова пардозад.

Навъе аз Вазорати энергия маълум карданд, аз ҳамин ҳисоб танҳо дар моҳи ноябри соли сипаришуда имконият фароҳам омад аз аҳолие, ки ба сарфаи барқ беэътиност, 26 миллиард сӯми барилова рӯёнда шавад.

ШИРКАТИ НАВИ ИНЖИНИРИНГӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

Маълум, ки манзилҳои бисёрошёна дар пойтахт муттасил ба таъмир фаро гирифта мешаванд. Сокинон гоҳо дучори «устоҳо»-е мегарданд, ки мутахассиси соҳа набуда, шахсони тасодуфии коркобӣ ба марказомада мебошанд.

Дар байни онҳо фиреб-гарон низ кам не, ки пешакӣ ҳаққи хидматро рӯёнда, ба куҷоҳое ғайб мезананд. Ба хотири ҳалли ин гуна муаммоҳо дар ҳузури ҳокимияти шаҳри Тошканд Ширкати инжиниринги ӣ оиди таъмири манзилҳои истиқоматии бисёрошёна ташкил карда шуд. Ширкат баробари таъмир ва реконструксияи хонаҳо дар ивазсозии лифт, ободгардонии ҳудуд, санатсия ва реноватсия сохтани манзилҳо ба сифати фармоишгар иштирок хоҳад кард.

М. ШОДИЕВ,
мухбири
«Овози тоҷик».

Дар натиҷаи эътиборе, ки дар мамлакатамон ба рушди соҳибкорӣ нигаронида шудааст, дар ноҳияи Кӯҳнгироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон низ шумораи корхонаҳои хусусӣ зиёд мегардад.

Ҳоло беш аз ҳазор корхона узви шуъбаи ноҳиявии Палатаи савдову саноати ҷумҳурӣ мебошад, ки оид ба шуғли таъмини шаҳрвандон чорабиниҳои зиёдро ба амал татбиқ менамояд.

Гулхумор Эшмуротова, ки дар маркази ноҳия умр ба сар мебарад, аз чунин имкониятҳо истифода бурда, ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Talisman Textil»-ро ташкил кард. Дар корхона, ки 10 нафар бонувон бо кор таъмин гардидаанд, бо дархости аҳолӣ либосҳои гуногун, парда ва дигар ашёҳои рӯзгор омода карда мешавад.

Дар сурат: *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Talisman Textil».*

Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

Дарси деҳқонӣ

ПАРВАРИШИ САБЗӢ

Коштани чунин навъҳои сабзӣ тавсия карда мешавад: пешпаз – мушак-195, нурли-70; миёнапаз – мирзои зард-304, мирзои сурх-228, нант-4, зинат, фаровон.

Барои коштани сабзӣ интихоби тухмии он аҳамияти муҳим дорад. Тухмиҳо тоза, аз касалиҳо холӣ, бутун, вазндор ва серҳосил бояд бошанд. Баъди интихоби тухмӣ заминро тайёр мекунанд. Сангу чӯб, алафи бегонаи онро тоза мекунанд. Хокро то чуқурии 20-25 см. нарм карда, кулӯхҳои калони он майда карда мешавад. Заминро ҳамвор карда, барои коштан ҷӯякҳо омода карда мешаванд.

Дар минтақаҳои ҷануби мамлакат тухмиҳои сабзии баҳорӣ 15-28 феврал, тобистона 1-15 август, тӯқсонбостӣ 15-30 декабр пошида мешаванд. Дар минтақаҳои марказӣ сабзии баҳорӣ 1-15 март, тобистона аз 10 июн то 10 июл, тӯқсонбостӣ аз 10 ноябр то 10 декабр пошида мешаванд.

Барои хоки ҷӯякҳои сабзӣ, лаблабу, кабудӣ ва дигар зироатҳоро аз хушкӣ нигоҳ доштан, ба он нурии хушки пӯсида пошида мешавад. Нурии пӯсида хокро нарм нигоҳ медорад ва ба зуд сабзидани ниҳоли зироат кумак мерасонад.

Яке аз масъалаҳои муҳими парвариши сабзӣ коштани тухмии он дар замини ҳамвор ва бо як маром сабзидани он мебошад. Ниҳоли сабзӣ дар замини нам дар 5-7 рӯз сабзида мебарояд. Баъди сабзидани ниҳолаки сабзӣ онро дарҳол аз алафҳои бегона тоза намуда, ягона кардан лозим.

Сабзӣ ду маротиба хишова карда мешавад. Обёрии саривақтӣ решаи сабзиро чуқур ва мустаҳкам месабзонад. Тухмии сабзӣ дар шароити кишварамон аввали баҳор, тобистон ва тирамоҳ пошида мешавад ва баъзан ҳангоми хушксолӣ бо мақсади зуд сабзидани он оби тухмӣ дода мешавад. Баъди калонтар шудани решамеваи он дар ҳар 7-8 рӯз обёрӣ карда мешавад.

Поруҳои кимёвӣ ба парвариши сабзӣ аҳамияти муҳим доранд. Ба 10 сотих замин 15 кг. азот, 8 кг. фосфор, 4,5 кг. калий андохтан лозим. Ба заминҳои ботлоқ бошад, 12 кг. азот, 7 кг. фосфор, 4 кг. калий додан лозим.

Яке аз омилҳои муҳими парвариши зироат мубориза бар зидди касалиҳо ва зараркунандаҳо мебошад. Дар тирамоҳ бар зидди алафҳои бегонаи бисёрсола ба 10 сотих майдон доруи галомекс-104 г/л пошида мешавад. Бар зидди алафҳои бегонаи яксола доруи гезагарди 50 фоиза мепошанд. Дорухои кимёвӣ таҳти назорати мутахассисон истифода мегарданд.

Вақте диаметри решамеваи сабзӣ ба 1,5-2 см мерасад, ҳосили онро кофта мегиранд. Ҳосили сабзии такрориро то фаро расидани хунукӣ меғундоранд.

Д. СУЛТОНОВ,
мутахассиси Шӯрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва соҳибони замини наздиҳавлии Ӯзбекистон.

Ба пешвози 14-январ – Рӯзи муҳофизони Ватан

ЯК ДАСТА АТРГУЛ

Ротаи автомобилӣ, ки ба майдони машқ саф ороста буд, ба саломи командир бо овози баланд саломи ҳарбиёна дод. Командир, майор Ашрафов ба рӯҳ, кайфият ва андоми тобеъонаш назаре андохту афсарон, сержантҳо ва аскаронро аз вазифаҳои навбатиашон огоҳ кард. Пас лейтенант Абророви бо рухсат дар паҳлӯяш ҳозиршударо аз номи худу тобеъон бо зодрӯзаш муборакбод намуда, ба ӯ комёбиҳо хост. Ба лейтенант аз номи ҷамоа гулдаста ва як қуттии паҳни ҳадядорро таҳти садои кафкӯбии ҳамсафон бо тантана супурд. Соҳибҷашн ҳадяҳоро қабул карда, ба командиру ҷамоа изҳори ташаккур намуд ва боз бо рухсату қадамҳои низомӣ ба саф баргашт.

Рӯзи шанбе ва рӯзи тозагӣ буд. Ҳарбиён вазифаҳои додашударо адо намуданд. Афсару сержантҳо бо иҷозати фармондеҳашон дар нимрӯзӣ ба шаҳраки ҳарбӣ, ба хонаҳояшон рафтанд. Аскарон баъди тозакунии казармаю гирду атрофи он дасту рӯ шуста, ба тановули хӯроки пешин омодагӣ медиданд.

Ҳанӯз хидмати нимрӯзии ҷонишини командири рота, капитан Валиев давом дошт. Вай дар конселяриясии рота нишаста, ҳуҷҷатҳои рӯйи мизро тагу рӯ мекард. Тафтишро анҷом дода, акнун рафтанӣ буд, ки назараш ба гулдастаи рӯйи зертахтаи тиреза афтод. Гулҳо каме пажмурда ҳам шуда буданд. Барои он ки роҳи ҳаёти лейтенанти ҷавон дар ҳифзи Ватан сафед бошад, ин гулҳо армуғон шуда буданд.

– Оре, – гуфт худ ба худ капитан Валиев, – лейтенант Аброров куртаи тухфашударо бурдаасту гулдастаро не. То рӯзи душанбе гулҳо хушк мешаванд, бояд ягон илоҷ ёфт… Зарфи обдоре ҳам нест.

Ӯ хеле андешиду гулдастаро ҳамроҳи худ гирифт.

Айни хуррамию шукуфтанҳо. Гул бошад, рамзи зебоӣ, сарсабзию шукуфоӣ.

Дар пиёдароҳи шаҳрак марду зане бо ҳавою ҳавас ба Валиеви ҳарбӣ ва гулдастаи дастони ӯ чашм медӯхтанд. Валиеви ягон бор дар кӯча бо гул нагашта, каме шармид ҳам.

Дар истиқоматгоҳашон духтари калонӣ гулдастаро аз дасти падар гирифта, гулҳоро аз банд озод карду ба гулдон гузошт.

– Баҳ-баҳ, гулҳоро бо кадом сабаб овардед? – аз тамошои онҳо завқ бурда пурсид завҷаи Валиев.

– Барои хурсандии шумоён, – ҷавоби кӯтоҳ дод афсар ба ҳамсараш.

Ҳар рӯз духтарони мактабхони онҳо оби гулдонро нав мекарданд. Гулҳои то миён ба об фурӯрафта, шукуфон ва тару тоза дар паҳлӯи ҷаҳоннамо, рӯйи миз меистоданд.

5 атргули сафед гӯё ҳамзоду баробар буданд. Аз дидани онҳо чеҳраи аъзои хонавода, аз ҷумла, ҳамсояҳои ҳарбии ома-да низ шукуфта, равшан мешуд. Аҳсант ба лейтенант Аброров, ки гулҳои зодрӯзаш дарго-ҳи Валиевҳоро анбарафшон карданд.

Атргулҳо ба ҳарбиён, роҳгузарон ва аҳли хонадон завқу ҳузур бахшида, акнун рӯ ба зардӣ меоварданд.

Сад бор афсӯс, вале чӣ чора?! Ба таъбири Мавлоно Ҳилолӣ:

Ҳайф аст, ки ин гули
шукуфта
Аз дидаи мо шавад нуҳуфта.

Бале, «ҳар баҳореро хазоне дар пай аст».

Ш. МИРЗОЕВ,
ноҳияи Чусти
вилояти Наманган.

Солҳо ва тақдирҳо

САМАРҚАНД ҲАМЕША СӮЙИ ХУД МЕКАШАД...

– мегӯяд ҷонишини директори Донишкадаи тиббии экологӣ ва иммунологияи Русия, доктори фанҳои биологӣ, профессор Ҳаким Истамов, ки таи 50-сол дар шаҳри Маскав бо корҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ машғул аст.

Оре, аҷибу шавқангез аст, касби журналистӣ! Он бо тақозои вазифа бо одамони гуногун рӯ ба рӯ мекунад, нисбати ӯ барои чизе навиштан водор месозад.

Воқеан, дар камина ҳангоми ҷамъ овардани мавод оид ба нахустин муҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик», машъалафрӯзи фарҳанг Абдуқаюм Қурбӣ (раванаш шод бод!) бо набераи ӯ Ҳаким Истамов чунин ҳолат рӯй дод. Баъди бо вай аз наздик шинос шудан, дарк кардам, ки ӯ бо донишу заковати инсонӣ, хоксориву далерӣ, сабру дурандешӣ мушкилоти зиндагиро таҳаммулгарона паси сар карда, ба муроди дил расидааст. Ин марди барнодили 75-сола ғайр аз корҳои илмӣ сафарҳои эҷодӣ анҷом медиҳад, вақт ёфта ба театру кино меравад, бо тарбияи ҷисмонӣ машғул шуда, ҳар рӯз беш аз панҷ ҳазор қадам пиёда мегардад ва фурсат ёфта бо хешу пайвандон, ёру дӯстон, ҳамкасбону шогирдон тавассути телефону интернет суҳбат меорояд, доир ба ҳаракати ҷадидӣ ва албатта, боз дар қаъри таърих ғӯта зада, китоб менависад аз зиндагиномаи бобоҷони нокому қурбони ҷаҳолат.

Инак, чанд лаҳза аз зиндагиномаи Ҳаким Истамов, ки муште аз хирвор асту халос.

Зиндагӣ бе орзу ширин набуд...

Он айём ӯ дар мактаби рақами 43-юми шаҳри Самарқанд таҳсил мегирифт. Соли 1962 дар рӯзномаи маъруфу машхури «Пионерская правда» доир ба падари генетика Николай Дубинин мақолаи шавқангез чоп шуд. Дар он навиштаанд, ки собиқ тарбиягирандаи ятимхона Николай Петрович дар 23-солагӣ барои кашфиёти «Таъсири ирсият ба инсон» соҳиби Ҷоизаи байналхалқии Рокфеллер шудааст. Рӯзномаро ҳам талабагону ҳам муаллимон бо завқу шавқ мутолиа карданд.

Омӯзгори фанни биология таваҷҷуҳи шогирдонро мушоҳидакунон таъкид кард, ки «шумо, бачаҳо, аз Дубинин кам нестед ва барои дониш гирифтан ҳам шароиту ҳам парастор доред. Фақат хондан лозим».

Ҳаким Истамов соли 1966 номаи камолро гирифт ва бо маслиҳати роҳбари синфаш ба факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳуҷҷат супурда, аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузашт.

Устодаш профессор Маматқул Икромов барои назарияро бо амалиёт пайвастан шогирдонро ба кӯҳсори зодгоҳаш – дараи хушҳавои Оҳалик – Шаҳрӣ мебурд, ки онҳо дар оғӯши табиат бо наботот аз ҳаҷм шинос шаванд ва хусусиятҳои онҳоро омӯзанд, дар рӯди шаффофу шифобахш оббозӣ карда, моҳӣ доранд, бофароғат истироҳат кунанд ва барои эҳёи атрофу муҳит саҳмгузор шаванд.

Вақте ки ӯ дар курси панҷум таҳсил мегирифт, донишҷӯёнро чун анъана барои ғунчини пахта ба ноҳияи Иштихон сафарбар кардаанд. Маҳз дар ҳамин ҷо вай таъсири манфии моддаи заҳролуди дефолитро ба инсон ва ҳайвонот фаҳмид. Гап дар сари он буд, ки аз осмон ҳавопаймои «Ан-2», яъне чуноне ки мегуфтанд, «кукурузка» болои сари ҳашарчиён дору мепошид, ки барги ниҳолҳои пахта резанд. Ба эътирози мардум роҳбарони хоҷагӣ ва вилоят бепарво мегуфтанд, ки доруи химиявӣ барои одам безарар аст. Тазоди зиндагиро бинед, ки «шӯришгар»-и ашаддӣ Ҳаким Истамов гардид. Зеро кори дипломии ӯ доир ба зарари бутифосу дефолит ба вучуди зинда, алалхусус инсон буд. Вай ҳатто ба Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шӯравӣ мактуби шикоятӣ навишт ва таклиф кард, ки барои резондани барги ниҳолҳои пахта аз асбобҳои заминӣ истифода бурдан лозим.

Сипас ӯ ин ғояи худро ҳангоми навиштани рисолаи номзадӣ низ ба миён гузошт. Роҳбари илмиаш Николай Дубинин медонист, ки ҳаракатҳои шогирдаш ба роҳбарони Ӯзбекистон ва Маскав маъқул нахоҳад шуд. Зеро дар он замон яккаҳукмронӣ дар арсаи ҷаҳонӣ оиди истеҳсоли «тиллои сафед» зарур буд. Бинобар ҳамин, Николай Петрович ба шогирдаш гуфт, ки кори илмиашро дар Украина чоп кунад, муқобилият намешавад. Истамов ба мақаллаи «Ситилия и генетика» кори илмиашро ирсол намуд. Дубинин ба муҳаррири нашрия, ки дӯсти наздикаш буд, занг зада аҳволро фаҳмонд.

(Давомаш дар саҳ.4).

2.МАШЪАЛАФРӮЗЕ АЗ УРҒУТ

Яке аз олимони маъруфе, ки дар тайёр кардани «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Луғати эзоҳоти осори Алишер Навоӣ» ва китобҳои дигар иштирок кард, асарҳои зиёдеро аз ҳуруфи арабӣ ба сирилик баргардонӣ намуд, Қутбиддинхон Муҳиддинхон мебошад. Вай бо ин хидматҳо, агар гӯем, ки дар роҳи дониш машъале афрӯхт, муболиға нахоҳад шуд.

Аммо ӯ аз сиёсати давлати шӯравӣ мудом дар ҳарос буд. Зеро медид, ки баъд аз ташкил ёфтани давлати шӯравӣ олимон ва дигар зиёиёни маҳаллӣ тазйиқҳои пай дар пай мебинанд. Аз ин рӯ, охири солҳои сиюми асри гузашта ба хоҷагии навтаъсис (колхоз) аъзо шуда, аз пайи боғбонӣ мешавад. Аммо ин кор дер давом накард. Душманонаш нахостанд, ки эшони Қутбиддинхон озод зиндагӣ кунад. Дар таърихи соли 1942 ӯро бо туҳмат ҳабс карда, ба муддати 10 сол аз озодӣ маҳрум намуданд. Дар ин муддат дар ҳабсхонаҳои шаҳри Оқтубаи Қазоқистон, Екатеринбург ва бешазори Сибир бо дигар маҳбусон азобҳои зиёдеро аз сар гузаронд. Баъд аз чанд сол ба ин хориҳо тоб оварда натавониста, гирифтори бемории сахт шуд ва бар асоси хулосаи тиббӣ ба зодгоҳаш баргашт. Ӯ он рӯзҳои сахтро дар яке аз ғазалҳояш бо андӯҳу надомат ба хотир меорад:

... Рӯз бошад, ки расам бар ватану манзили дӯст,
Ҳеч аз фурсати ҳиҷрон накунам тағйире.

Эшони Қутбиддинхон баъди ба озодӣ баромадан, ҳастии худро ба эҷод бахшид. Тафсири асарҳои олим ва шоиронро ба зимма гирифт. Қисми бисёри онҳоро аз забони арабӣ ба тоҷикию туркӣ тарҷума намуд. Ба илми тибби халқӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард. Беморонро бо усули Абуалӣ ибни Сино ва дар баъзе ҳолатҳо бо каломи Худо табобат кард. Баробари ин ба корҳои саҳроӣ машғул шуд. Мардумро ба меҳнат ва омӯхтани касбу кор даъват менамуд. Баробари ғазалҳои ошиқона, шеърҳои панду ахлоқӣ низ менавишт. Ӯ шахси аз ҷаҳолатпарастӣ дур ва баимону эътиқод буд. Ҳам илми ирфонӣ ва ҳам илми дунёвиро дар байни мардум тарғибу ташвиқ мекард.

Қутбиддин Муҳиддинов ҳамчун пешвои сонии тариқати Нақшбандия инсони хоксор, босубот буд, воқеаҳои баъдиро пешгӯӣ мекард. Мутаассифона, хурсандии олими забардаст дер давом накард. Ходимони НКВД ва душманони дохилӣ мудом ҳаракат мекарданд, ки ягон гуноҳ, ё айбашро ёфта, ӯро ба маҳкама кашанд. Ниҳоят тирамоҳи соли 1951 бо «гуноҳ»-и аксулинқилобӣ ва фарзанди душмани шӯро будан эшони Муҳиддинхонро тафтиш карданд. Аммо ғайр аз 4-5 адад китоби бо ҳуруфи арабӣ навишташуда чизе пайдо карда натавонистанд. Ӯро қариб як сол бо иштироки Зоҳидов ном тарҷумон ва муфаттиш Климченко истинтоқ намуданд, аммо маҳбус ба айбаш иқрор нашуд. Баъд аз азобу шиканҷаҳои пай дар пайи нохалафон оқибат Қутбиддинхон ба гуноҳи накардааш иқрор шуд ва бо ҳукми суди вилояти Самарқанд бори дуюм ба муддати 25 сол бадарға гардид. Чанд муддат дар ҳабсхонаи Самарқанд азоби рӯҳӣ кашиду сипас ба Сибир бадарға шуд. Мегӯянд, ки он вақт эшони Қутбиддинхон каромате нишон дода, ҳамаро дар ҳайрат гузоштааст. Яъне ӯ бо каромот дари ҳабсхонаро кушодаву таҳорат карда, боз ба ҳабсхона даромада намоз мехондааст. Ба саволи посбони ҳабс-хона – Эшонбобо чаро гурехта намеравед, гурезед мешавадку?!

– Ман дар назди Худо аз он метарсам, ки агар баромада равам, посбонон дар азоб мемонанд, – ҷавоб медодааст Эшонбобо бо тамкинию хоксорӣ.

Соли 1955 авфи умумӣ эълон шуду дар қатори ҳазорҳо азобдидагони табъид Қутбиддин Муҳиддинов ҳам ба озодӣ баромад. Ва ҳамоно шогирдону дӯстони тоҷикистониаш олими забардастро дар шуъбаи луғатҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи фанҳои Тоҷикистон ба кор даъват карданд. Он солҳо луғатшиносон бо тартиб додани дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» машғул буданд. Дар ин бора профессор, шодравон Амон Воҳидов, ки солҳои 60-уми асри гузашта дар тартиб додани ин фарҳанги бузург иштирок кардааст, чунин менависад:

«Ба ман насиб шуд, ки чанд муддат бо Қутбиддин домулло бевосита кор кунам. Яке аз бартариҳои домулло он буд, ки аз луғатҳои тафсирии арабӣ бевосита истифода бурда, маъно ва тобишҳои ҷузъии ин ва ё он калимаро ба тоҷикӣ тарҷума мекарданд. Ба нисбати он, ки домулло забони арабиро равон медонистанд, қариб ҳамаи кормандон барои шарҳи калима ва ибораҳои арабӣ ба эшон муроҷиат менамуданд. Ҳазорҳо варақи бо шарҳу тафсири воҳидҳои луғавии «Чор унсур», «Тури маърифат», «Муҳити аъзам»-и Мирзо Бедил ва дигар намояндагони адабиёти классикӣ, ки ба фонди «Захираи луғавии адабиёти классикии шуъбаи луғатҳо» ҳамроҳ карда шудаанд, маҳсули меҳнати бурдборонаи устоди муҳтарами мо – Қутбиддин Муҳиддинов мебошанд. Ба устод муяссар шуд, ки дар як муддати кӯтоҳ бобати омода сохтани маводи луғавии (фонди картотека)-и «Фарҳанги забони тоҷикӣ» саҳми шоиста гузорад.

Охирҳои соли 1961 ман бо ризоияти маъмурият ҳамроҳи Вадуд Маҳмудӣ карточкаҳои ҳарфи «О»-ро гирифта, ба Самарқанд омадем ва кори тартибдиҳии луғатро дар ҳавлии Садриддин Айнӣ давом додем.

Тахминан тирамоҳи соли 1962 директори ҳамонвақтаи институт Носирҷон Маъсумӣ телеграммаи таҷлилӣ фиристода, хоҳиш намуданд, ки ба Душанбе баргардам. Сабабашро аз тариқи телефон пурсидам. Гуфтанд, домулло Вадуд Маҳмудиро аз кор ҷавоб додем. Баъд аз ба Душанбе омадан маълум шуд, ки Қутбиддин домуллоро низ ҷавоб додаанд. Аз боло чунин фармоиш шудааст.

Устоди забардаст эшони Қутбиддинхон Муҳиддинов боз бо хотири парешон ба хаёлот ғӯта зада худ ба худ: – Ин чӣ қисмат аст, ки мани бечораро ба тазйиқу шиканҷа мегирад. Охир, беайб будани маро чандин маротиба бо фармону далелҳо эълон карданд-ку.

Бо ин хаёлҳо Қутбиддин эшон ба зодгоҳаш Самарқанд баргашта, гӯшанишиниро ихтиёр кард. Дере нагузашта, ӯро барои кор ба Тошканд таклиф карданд. Қутбиддин Муҳиддинов ин таклифро бо хушнудӣ қабул намуд ва роҳи ин шаҳри азимро пеш гирифт.

Шоири халқии Ӯзбекистон Ғафур Ғулом, ки устодро пири комил медонист, гуфт:

– Эшонбобо, шумо барои аҳли илми Тошканд хеле заруред. Метавонед аз пагоҳ дар Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳо кор кунед. Дар бораи ҷойи зист ва дигар шароит фикр накунед, ҳамааш ҳал мешавад.

Ҳамин шуду Қутбиддин Муҳиддинов бо олимони матншиносу луғаташинос ҳамкорӣ кард. Директори институти мазкур Азиз Қаюмов, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Солеҳ Муталлибов, Фузайл Исмоилов, Анисӣ, Чустӣ, Васфӣ барин шахсони ба чашм намоёни ҳамон давра аз омадани Қутбиддин Муҳиддинов хеле шод гардиданд. Дар натиҷа, бо ташаббус ва ҳаммуаллифии Қутбиддин Муҳиддинов асарҳои «Хусрав ва Ширин»-и Хоразмӣ, «Гулистон» ва туркӣ»-и Сайфии Саройӣ ва ғайра ба имлои ҳозира баргардонидаву нашр карда шуданд. Олими забардаст якчанд сол луғати муаллифи асри XVIII Мирзомуҳаммади Меҳдихон «Санглох»-ро омӯхта, тадқиқоти пуразрзиш кард. Дар ин асар забони асарҳои Алишер Навоӣ таҳқиқ шудааст. Он ҳамчун калид дар омӯзиши асарҳои Навоӣ аҳамияти калон дорад. Қутбиддин Муҳиддинов, инчунин «Бурҳони қотеъ», «Луғати фурс», «Абушқа», «Бадоеъ-ул-луғат», «Гиёс-ул-луғот», «Мунтахаб-ул-луғот» барин фарҳангҳои тоҷикӣ ва туркиро қиёсан ва назар гузаронида, асари мукаммал офарид. Бо ташаббуси ин олими зукко «Луғати эзоҳоти осори Алишер Навоӣ» (иборат аз чор ҷилд) аз чоп баромад, ки ин кор дар таърихи луғатсозии ӯзбек аҳамияти бузург дорад. Инчунин, бисёр ибораву истилоҳоти «Лисон-ут-тайр», «Мачолис-ун-нафоис» ва асарҳои дигари Навоӣ низ ба кумаку ташаббуси устод Қутбиддинхон маънидод шудаанд.

Ногуфта намонад, ки Қутбиддин Муҳиддинов табъи баланди шоирӣ дошт. Шеърҳои ӯ дар солҳои мухталиф дар нашрияҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ба ду забон чоп шудаанд. Дар онҳо аз як тараф ишқи орифонаро бинем, аз ҷониби дигар ҳаёти воқеӣ, хушию хурсандии одамони давру замонро мушоҳида мекунем. Як қисми шеърҳои Қутбӣ хусусиятҳои панду ахлоқӣ доранд ва ҷавононро ба омӯхтани илму ҳунар ва дар натиҷа ба даст даровардани бахту саодат даъват мекунанд.

Дар ашъори шоир арзи дили бедору беғубори марди нуктадону некбинро низ метавон мушоҳида кард.

Тавре ки зикр шуд, шоир солҳои дароз дар ҳабсхонаву лагерҳои пурдаҳшати замони шӯравӣ азобу шиканҷа кашид. Ӯ озодии мардум ва ҳуррияти маънавии инсонҳоро бисёр орзу мекард. Дар ашъораш аз ин хусус ишораҳо ҳастанд. Ин орзуҳо маҳз дар даврони истиқлол ҷомаи амал пӯшиданд. Вале, мутаассифона, дидани ин рӯзҳои хуш ба Қутбӣ муяссар нашуд. Ӯ моҳи декабри соли 1983 дар синни 87 бинобар садамаи автомобилӣ вафот кард. Қабраш дар мавзеи Чорчинори ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд воқеъ аст.

Ҳамза ҶӮРА.

САМАРҚАНД.

Фидоиёни маориф

«МАН БА ГУМРОҲОН НАГАРДИДАМ ШАРИКИ РӮЗГОР...»

Ӯ дар оғӯши ривояту афсонаҳо ба воя расида, роҳи зиндагиро бо мизони ақл баркашид, дар интихоби касбу пеша шуғли падарро интихоб намуд. Касби падарро беҳ аз мероси падар пиндошт.

Дар хурдӣ аз модаркалонҳояш ривояту афсонаҳои зиёд шунида, некиро аз бадӣ фаҳм мекард. Дар синни чаҳорсолагӣ аз мазмун ва ғояи қиссаи машҳури устод Садриддин Айнӣ огоҳӣ дошт. Шабҳои дарози фасли сармо омӯзгори овозадори кӯҳпояи Нурато, Аълочии таълими халқи ҷумҳурӣ Саломатуллоҳи Олизод мазмуни қиссаи «Одина»-ро ба аҳли оила нақл мекард. Он солҳо байни мардуми кӯҳпояи Нурато ривояту афсонагӯйӣ, байтбарак ва нақли асарҳои алоҳида ба ҳукми анъана даромада буд. Иззатулло маҳз дар чунин оила буду бош дошт. Ин ҳама кӯдаки наврасро бетаъсир набуд. Дар дили кӯчаки кӯдак аллакай шароҳои меҳр ба адаб, нигаронӣ ба зиштиву бадрафторӣ падидор мегардид.

Солҳои аввали таҳсил дар мактаб қаҳрамони мо туфайли устод Саломатуллоҳи Олизод бо маҷаллаҳои «Машъал» ва »Садои Шарқ», «Занони Тоҷикистон», ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ва рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» шинос буд. Пайваста мутолиа мекард. Он солҳо аксар хонадонҳо ҳар ҳафта даста-даста рӯзномаву маҷалла мегирифт. Дар чунин муҳит Иззатулло мактаби он вақт хеле овозадори рақами 38-уми зодгоҳро хатм намуд.

Завқу шавқ ва дилбохтагӣ ба забону адабиёти тоҷик дили бедори Иззатуллоро ором намегузошт. Пас аз хатми мактаби Синтаб ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи забон ва адабиёти Донишкадаи давлатии Самарқанд ба номи С. Айнӣ супорид. Ӯ донишҷӯ гардид. Ба рӯяш натанҳо дари забону адабиёти оламгири форсии тоҷикӣ, балки дарвозаи адабиёти ҷаҳон боз гардид. Он солҳо ҳар гуна китобро дарёфт кардан мушкил набуд. Дар шаҳри Самарқанд дукони «Тоҷиккитоб» фаъолият дошт. Китоби дилхоҳро дастрас кардан мумкин буд. Сабаҳҳои аз устод Саломатуллоҳ Олизод гирифтааш кор дод. Дар интихоби китоб иштибоҳ намекард. Интихоби китоб низ як сабақ аст.

Ҳангоми донишҷӯйӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносиву худгоҳӣ ва азбар намудани асосҳои дониш саҳми устодони шинохтаи Самарқанд – забоншиносон Султон Иброҳимзода, Самариддин Аслиддинов, Луъбат Назарова, Азиза Юсупова, Салим Кенҷаҳо хеле бузург аст. Ва ҳамеша аз онҳо изҳори сипос дорад.

Иззатулло бо як ҷаҳон умеду орзу ба зодгоҳ баргашт. Мехост дар қалби шогирдон завқу шавқ ва меҳру муҳаббатро ба омӯзиши забони модарӣ ва адабиёти тоҷик бедор кунад. Ба ин мақсади нек камари ҳиммат баст. Аз соли 1985 то ба имрӯз дар мактаби худ хатмнамудааш – мактаби рақами 38-уми деҳаи Синтаби ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ ба толибилмон аз забон ва адабиёти тоҷик сабақ медиҳад. Муаллимест сахтгир, вале хеле ҳалим. Ба дили хонанда зуд роҳ меёбад. Метавонад завқу шавқи хонандаро ба илмомӯзӣ бедор кунад.

Бори аввал бо Иззатулло дар шаҳри Нурато шиносоӣ пайдо кардем. Зинаи ноҳиявии озмуни фаннӣ аз забону адабиёти тоҷик мегузашт. Ман ҳамчун роҳбари мактаб он ҷо ҳузур доштам. Ҳақталош аст Иззатулло. Бори дувум дар шаҳри Навоӣ бо ҳам вохӯрдем. Муаллимон аз аттестатсия мегузаштанд. Дар даст даҳ номгӯй китоб дошт. Кам андар кам муаллимонро мебинам, ки аз дукон китоб харанд.

Чанд рӯз пеш дар мактаби мазкур будам. Аз роҳбарияти мактаб хоҳиш намудам, то ки ҳамаи омӯзгоронро як ҷо гирд ованд. Ба хонаи омӯзгорон даромадам, ки Иззатулло Олибоев дар пешгоҳ менишаст.

(Давомаш дар саҳ.4).

Аҳолии маҳаллаи Ботирободи ноҳияи Избоскани вилояти Андиҷон аз пайи парвариши ниҳоли дарахтони мевадору манзаранок ва гул даромади зиёд ба даст меоранд.

Ҳоло дар 640 хонаводаи маҳалла наздик ба 4 ҳазору 200 нафар аҳолӣ умр ба сар мебаранд. Аҳли маҳалла асосан бо ниҳолпарварӣ, гулпарварӣ ва хоҷагии гармхона шуғл меварзанд, ки ниҳолҳои парваришнамудаи онҳо нафақат дар худи вилояти Андиҷон, балки дар ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ харидорони худро дорад.

Гайр аз ин, ниҳолҳо ба Қирғизистон, Тоҷикистон ва Қазоқистони ҳамсоя содир мешавад.

Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).

МИЗОНИ АСОСӢ – ХОНДАН

Солҳои охир дар мамлакатамон зарурати беҳтар намудани муҳити иҷтимоию маънавӣ ба миён омадааст. Зеро мардум ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маишӣ бештар машғул буда, ҳувияти миллӣ, омӯхтани мероси фарҳангӣ, муҳимтар аз ҳама фарҳанги мутолиаи китобро фаромӯш кардаанд. Надонистани таъриху суннатҳои мардуми худ, танҳо машғул шудан барои таъмини рӯзгор боиси таназзули ҷомеа мегардад.

Мо насле мебошем, ки гузаштагонамон «Наҷот танҳо дар донишу маърифат аст!» гуфта рафтаанд. Ватандӯстони ҷадид, ки як аср пеш умр ба сар бурда буданд, ба бедории маънавии халқи мо шурӯъ намудаанд. Дар байни онҳо шахсиятҳои бузурге низ буданд, ки бо пули худ мактаб сохтаанд, бидуни маош ба толибилмон дониши беғаразона дода, маърифат паҳн кардаанд. Кор ба ҷое расид, ки ҳатто онҳо қурбони идеалҳои худ шуданд.

Дар замони мо, дар натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат, номи ин шаҳидони роҳи илму маърифат ва маънавият сафед шуд. Имконият пайдо гардид, ки мероси ғановатманди онҳо мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирад, фикру ақидаҳои онҳо дар байни наслҳои наврас тарғибу ташвиқ шавад.

Барои он ки ҷавононамон аз ҷиҳати маънавӣ комил бошанд, дар арсаи байналмилалӣ ақидаву андешаи худро озодона баён карда тавонанд, бояд рӯ ба китоб ва маънавияту маърифат ованд, мутолиа кунанд. Дарвоқеъ, фикру мулоҳизаҳои бамиёнгузоштаи Президент дар ин бобат хеле ибратбахш ва қобили пайравӣ мебошанд.

Зимни суҳбату мулоқотҳо бо ҷавонон аз он хушҳол мешавам, ки ҳар кадоми онҳо барои баланд бардоштани маданияту маърифати худ кӯшиш мекунанд. Аксари ҷавонон дарк намудаанд, ки бе азму иродаи қатъиву қавӣ дар роҳи омӯхтани илму маърифат ва қироати китоб наметавон ба мурод расид ва ба дастовардҳо ноил гардид. Маро ин раванд хеле хушҳол месозад. Аммо ин ҳанӯз кофӣ нест.

Имрӯз дар Ӯзбекистони Нав барои соҳибмаърифат шудан тамоми шароиту имконият фароҳам оварда шудаанд. Агар ин шароиту имкониятҳоро бо як даҳсолаи пеш муқоиса намоем, фарқ байни замину осмон аст. Кушодани марказҳои таълимӣ, таъсиси гурӯҳҳои забономӯзӣ, ташкили мусобиқаҳои интеллектуалии «Заковат», гузашта аз ин, ба намудҳои гуногуни варзиш ҷалб намудани ҷавонон ва амсоли он шаҳодати гуфтаҳои болоӣ мебошанд.

Як нуктаи муҳим набояд аз мадди назарҳо дур бимонад, ки онро қайд карданиам. Баъзан ҳангоми саволу ҷавобҳо чунин гапҳоро мешунавам: «Имрӯз китоб хондан лозим нест, зеро ҳамааш дар телефон ҳаст». Мутаассифона, ин фикри тамоман носолиму нодуруст буда, шаҳодат медиҳад, ки як идда одамон ҳанӯз фарқи китоб ва интернетро намедонанд. Аксарият дар ҷаҳду талоши он ҳастанд, ки чӣ гуна иморатҳои бошукӯҳ созанд, аммо дар мавриди болоравии маърифату маънавият фикр намекунанд. Агар дар ҳамон иморатҳои болобаланду тарҳашон наву замонавӣ шахсони бомаърифат зиндагӣ кунанд, нур болои нур нест?!

Китоб муаллими безабон аст. Мо дар ҳар ҷо метавонем китоб хонем. Барои ҳамин аз ҷавонон даъват мекунам, ки танҳо аз роҳи хондани китоб донишу ҷаҳонбиниашонро тақвият бахшанд, дигаронро низ ба ин роҳ ҳидоят кунанд ва дар болоравии маънавияту маърифат саҳми худро гузоранд.

Мо бо соли 2023 хайрухуш кардем. Онро ҳамчун соли дастовардҳои муҳим дар ноҳияи Риштон метавон арзёбӣ кард. Бунёди давлати демокративу озод, аз нигоҳи иқтисодиву иҷтимоӣ қавӣ, ҷомеаи фархундаи равшанфикр дар дасти ҷавонон аст. Онҳо бояд беш аз пеш вақти худро ба омӯзиши китоб, ҳифзи асолати миллӣ ва арзишҳои қадимии мардуми мо равона кунанд, аз комёбиҳое босамар истифода намоянд, ки дар тараққиёти ҷаҳонӣ аз он фаровон истифода сурат мегирад. Умедворам, ки дар соли 2024 мардуми мо, хусусан ҷавонон, миёнро маҳкам баста, дар роҳи омӯзиши илму маърифат, қироати китоб беҳтару бештар саъйу кӯшиш мекунанд.

Соли нав муборак бод!

Дилором ДОДОБОЕВА,
роҳбари бахши Маркази ҷумҳуриявии «Маънавият ва маърифат» дар ноҳияи Риштон.

МАРКАЗҲОИ ХОНАКОРӢ ЗАНОНРО БО КОР ТАЪМИН МЕКУНАНД

Солҳои охир бо ташаббуси роҳбари давлати мо бобати ҳифзи ҳуқуқ ва таъмин кардани манфиати бонувон, фароҳам овардани шароитҳои сазовор барои ҳаёт ва меҳнати онҳо, татбиқсозии иқтидор ва имкониятҳояшон корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд.

Маркази нави хонакорӣ, ки аз ҷониби соҳибкор Гулшан Бобораҷабова дар маҳаллаи Арабхонаи ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё ташкил гардид, маҳз барои ин мақсадҳо хидмат мекунад.

Дар маркази мазкур 15 нафар зан, ки дар «дафтари занон»-и маҳалла дохил шудаанд, бо кор таъмин гардиданд. Дар кушоиши марказ куҳансолон ва ҷомеаи васеъ иштирок карданд.

Соли гузашта дар ноҳияи Косон 17 чунин маркази хонакорӣ кушода шуда буданд. Дар натиҷа тақрибан 300 зан бо кор таъмин шуд. Ҳамчунин аз ҳисоби маблағи бунёди «дафтари занон» ба 38 нафар бонувон аз ҳисоби субсидияҳо мошинҳои дӯзандагӣ пешниҳод шуд.

Ӯлмас БАРОТОВ,
хабарнигори ЎзА.

ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО ДАР ИМЛО

Бо мақсади беҳтар шудани қоидаи имло ва ислоҳи ғалатҳои воридшуда дар навишту гуфтор бо гузашти замон ва зарурат дар фарҳанги имло ва аломати китобат тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд. Чунин тағйироту иловаҳо аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон соли 2011 ва 2021 ҷорӣ карда шуд.

Ислоҳоту тағйироти воридшуда аз нигоҳи илмӣ ва қоидаҳои меъёри забон хеле муҳиманд ва чанде аз камбудиҳои пешинаро ислоҳ кардаанд. Бо таассуф, бо гузашти чанд сол дар навишту гуфтори дастандаркорони кишвар: донишмандон, масъулони матбуот ва хабарнигорон, кормандони воситаҳои ахбор бештари ғалатҳои ислоҳшуда ба гунаи пешин такрор мешаванд.

Барои шиносоии бештари шумо мо тағйироту ислоҳоти асосии соли 2011 «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (Душанбе, соли 2013), «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ» (Душанбе, соли 2021)-ро пешкаш карда, хоҳишмандем барои эҳтироми забони модарӣ ин қоидаҳоро риоят кунед:

Калимаҳои зерин бар пояи меъёри забони форсӣ-тоҷикӣ бе ташдид навишта мешаванд: кумак, мукӣ, сода, паша (2013, с. 6);

бо меъёри фарҳангномаҳои куҳан бо ҳарфи «у» навишта мешаванд: муҳтарам, муътабар, муҳр, муъҷиза (2013, с. 5);

– дар калимаҳое, ки дар бунёдашон ҳарфи «й» (йот) доранд, ҳангоми қабули бандаки изофӣ ё ҷузъҳои дигар ҳарфи «й» навишта мешавад: чӯйи сиёҳ, ҷӯйи муносиб, лойи ..., пойи ..., рӯйи ..., мӯйи ..., сӯйи ... ҷойи ... ;

– дар калима ва таркибҳои навъи: найистон, оройиш, осойиш, намойиш, чорачӯйӣ (2013, с. 9);

фаъол (2013, с. 9); таъйин (2013, с. 242); тағйир (2013, с. 233);

– дар калимаҳои иқтибосии арабӣ «у» навишта мешавад: мавзуъ, таваҷҷуҳ, таваққуъ, шуъба, шуро (2021, с.5);

– дар байн ва анҷоми калимаҳои форсии тоҷикӣ «ӯ» навишта мешавад: рӯз, гӯш, зӯр, дӯст, бӯ(й), рӯ(й), мӯ(й);

дар ҳиҷои дуюми калимаҳои форсии тоҷикӣ: андӯҳ, дурӯғ, фурӯғ, гурӯҳ, шукӯҳ (2013, с. 21);

– бо ҳарфи калон: номҳои Худо: Худо, Парвардигор, Яздон, Аллоҳ, Эзид... (2013, с. 13; 2021, с. 19);

– ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси анҷуманҳо, ҷашну идҳо, форумҳо: Анҷумани байналмилалии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, Ҷашни 1400-солагии Борбад, Ҷашни 30-солагии Истиқлоли...;

– ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси таркиби мукофотҳои давлатӣ, унвонҳо: Қаҳрамони Тоҷикистон, Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии..., (ордени) Исмоили Сомонӣ, (ордени) Шараф, (медали) Хизмати шоиста ва ғайра;

– калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи таркибии идора, мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва фарҳангӣ: Вазорати..., Кумитаи..., Агентии..., Хадамоти..., Саридораи..., Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии шаҳри..., Китобхонаи... Донишгоҳи... (2013, с. 13);

Эзоҳ: номи мансаб, дараҷа ва унвонҳои илмӣ, рутбаҳои (тахассусӣ, давлатӣ ва ҳарбӣ) бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: вазир, раис, роҳбар, ректор, директор, муовин, номзади илм, доктори илм, дотсент, профессор, академик, генерал ва ғ. (2013, с. 23);

– китобҳои муқаддаси динӣ: Қуръон, Таврот, Инҷил, Авасто, Забур, Аржанг... (2021, с. 20);

– ҳарфи аввали номи сулолаҳои таърихӣ: Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён... (2013, с. 12, 2021, с. 20);

– пеш аз аъзои истисноӣ тире ва баъди он вергул гузошта мешавад: Ман – Фирӯз, ...; Ман ӯро – Фирӯзаро... (2021, с. 47);

ҷинсияти калимаҳои иқтибосӣ истифода намешавад: муҳтарам, муаллим, раис, шоир, котиб, адиб (2021, с.11).

Агар аъзои истисноӣ ҳаҷму андозаи маъноии аъзои муқаррариро мушаххасу саҳеҳ кунад, аз ду тараф бо аломати вергул ҷудо карда мешавад: Ҳоло бисёриҳо, махсусан ҷавонон, аз кӯҳистон оҳиста-оҳиста ба водӣ мекӯчанд.

Аломати тире дар исмҳои фосилаи замон: автобуси Душанбе – Бохтар; роҳи Душанбе – Ҳисор), (2021, с. 57);

аломати тире дар миёни баёнияи истисноӣ ва муайяншаванда: Беҳрӯз – донишҷӯйи соли аввал, ...; Олимӣ – устоди донишгоҳ, ...) (2021, с. 47)

ТАРЗИ НАВИШТИ КАЛИМА, ИБОРА ВА ҶУМЛАҲОИ БАҲСАНГЕЗ

– калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ (дар байн – аз ду тараф, дар аввали ҷумла – пас аз он аломати вергул; агар пас аз пайвандаки пайвасткунанда омада бошад, пеш аз он вергул гузошта намешавад):

амалан, хушбахтона, умуман, махсусан, асосан, фарзан ва ҳоказо.

(Аз интернет гирифта шуд).

Варзиш

Дар Бухоро байни ҷавонони то 20-сола қувваозмоиҳо оид ба волейбол барои «Ҷоми Ӯзбекистон» поён ёфт.

МУСОБИҚАҲО БАРОИ «ҶОМИ ЎЗБЕКИСТОН»

Дар он варзишгарони ҷавон аз ҳамаи вилоятҳо иштирок карданд.

Дар мусобиқаҳои байни духтарон 7-то ҷамоа иштирок намуда, командаҳои вилоятҳои Бухоро ва Намангон ба финал баромаданд. Баъди вохӯрӣ болодастии варзишгарони намангонӣ ошкор гардид. Ҷойи сеюм ба волейболбоздухтарони Андиҷон насиб кард.

Мусобиқаҳои писарон байни 11-то ҷамоа хеле шиддатнок гузашт.

Дар қувваозмоиҳои ҳалкунанда мизбонон аз болои қароқалпоқистониён ғолиб баромада, соҳиби Ҷоми Ӯзбекистон гардиданд.

Ҳокими вилоят Б. Зарифов ва дигарон ба сухан баромада, дар бораи ғамхориҳо нисбати густариш ёфтани варзиш байни аҳолӣ, хусусан ҷавонон ва аҳамияти он ҳарф заданд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

ТӮҲФАҲОИ АРЗАНДАИ ОМӮЗГОРОНИ ТОҶИК

Дар шаҳри Тирмиз дар арафаи Соли нав анҷумани аҳли маорифи вилояти Сурхондарё таҳти унвони «Устод – бунёдкори таълим» баргузор гардид, ки даҳҳо нафар намояндагони соҳаи таълимро аз шаҳру навоҳии минтақа гирдиҳам овард.

Дар он ҷонишини вазири таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ Усмон Шарифхоҷаев, ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов ҳам ширкат варзиданд ва аз дастовардҳои аҳли маорифи вилоят дар соли 2023 ҳарф заданд. Усмон Шарифхоҷаев аз ҷумла гуфт:

– Омӯзгорон, бешак, бунёдкорони ҷомеаи мо дар Ӯзбекистони Нав ҳастанд, ки шукуфоияшро дар хидматҳои шоёни онҳо таҷассум мебинем. Дар соли гузашта, ки «Соли гиромидошти инсон ва таълими босифат» унвон дошт, аҳли маорифи Сурхондарё низ дар қатори ҳамтоёни дигари худ заҳмати фаровоне кашиданд, то натоиҷи матлуб ба даст ояд.

Ҷонишини вазир дар анҷуман ба 7 тан муаллими беҳтарини вилоят нишонҳои сарисинагии «Аълочии таълими халқ», ба як нафар «Фидоии таълими халқ» ва ба як нафари дигар «Ҳомии таълим»-ро супорид. Ҳамчунин ба панҷ тани дигар «Ифтихорнома» ва ба ҷамоаи омӯзгорони ду мактаби намунавии вилоят – дабистони рақами 1-уми ноҳияи Ангор ва мактаби рақами 2-юми ноҳияи Бойсун барои таъмини шаффофияти кори таълим «Ташаккурнома»-ҳои Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳуриро супорид.

Бояд таъкид кард, ки дар байни соҳибони мукофот номи ду тан ҳамзабони мо низ садо доданд, ки боиси ифтихор аст. Яке аз онҳо директори мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиё Саодат Сангинова буда, бо нишони сарисинагии «Фидоии таълими халқ» сарфароз шуд. Вазири таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ Ҳилола Умарова дар ин авохир шахсан ба таълимгоҳи мазкур ташриф овардаву бо фаъолияти он шинос ва аз кори роҳбараш дар ичрои талабҳои ҳукумати ҷумҳурӣ изҳори қаноатмандӣ карда буд.

Ҳамзабони дигари мо Мамлакат Фаттоева, собиқ омӯзгори мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиё мебошад, ки барои сохта ба истифода додани китобхона ва Маркази дониш дар ин дабистон нишони сарисинагии «Ҳомии таълим»-ро соҳиб гардид. Ҳокими вилояти Сурхондарё аз ин иқдоми бонуи маърифатпарвар ба вачд омада, ўро ба номинатсияи «Беҳтарин бонуи соҳибкор» низ муносиб донист.

Ҳусниддин Муҳаммадиев, мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Сурхондарё корнамоии М. Фаттоеваро дар дабистони як деҳаи кӯҳистонӣ иқдоми беҳтарин хонд ва аз роҳбарони макотиби дигари шаҳру навоҳии вилоят дархост намуд, ки амали неки ўро тарғиб ва ҳамагонӣ кунанд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти СУРХОНДАРЁ.

САМАРҚАНД ҲАМЕША СӮЙИ ХУД МЕКАШАД...

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дере нагузашта иншои олими ҷавони самарқандӣ диққати умумро ба худ кашид. Бо ин муаммо СММ машғул шуда, дар ҳоҷагиҳои пахтакорӣ аз осмон заҳрпошӣ қатъ гардид.

Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро...

Фаромӯш макун ҳаққи
устоди илм,
Ки бар ҳиммати ўст бунёди
илм.
Агар дар дилат меҳри устод
нест,
Ба дасти умеди ту ҷуз бод
нест.

Ҳаким Истамов баъди гирифтани дипломи мактаби олӣ фаъолияти меҳнатиро дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии қарокӯлпарварии Самарқанд оғоз намуд. Дар мавзӯи «Таъсири чор намуди химикатҳои заҳролуд ба ҷисми зинда» кори илмӣ бурд. Ва ӯ бо далелҳои раднопазир исбот кард, ки маҳз дефолит сабабгори пайдоиши баъзе намудҳои бемориҳои хавфнок аст. Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шӯравӣ дар асоси тавсия ва пешниҳоди олими самарқандӣ истифодаи моддаи бутефосро дар хоҷагии қишлоқ манъ кард. Ҳаким Истамов бо натиҷаҳои тадқиқотҳои мӯшикофонаи хеш аз минбарҳои бонуфузи байналхалқӣ баромад карда, диққати тамоми олимони ҷаҳонро ба ин масъала ҷалб намуд. Охир, тавсияи Ҳаким Истамов одамонро аз беморӣ, замину об ва ҳаворо аз таъсири манфии моддаи заҳролуд нигоҳ медошт.

Афсӯс, ки шахсони худбину кӯтоҳандеш пайдо шуданд, ки генетика ва кибернетикаро фанни бефоида ҳисобиданд. Бинобар муҳити носолим Дубинин аз вазифаи директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ сабукдӯш гардид.

Академик Раҳим Ҳаитов ба ҳамватанаш дасти ёрӣ дароз кард ва барои дар Донишкадаи химия ва коркарди нафт ба ташкил кардани ташхисхона кӯмак дод. Воқеан ӯ дар ватани маҳбуб – Ӯзбекистон бунёд намудани пажӯҳишгоҳи мазкур саҳми арзанда гузошта буд. Дар маросими тантанавор кушода шудани он Николай Дубинин ва Ҳаким Истамов аз Маскав ба Тошканд омаданд.

Тасодуфро бинанд, ки дар як купе Ҳаким Исломович бо адиби машҳур Сотим Улуғзода аст, ки ба набераи Абдуқаюм Қурбӣ дар бораи бобояш хотироти ачибу шавқангезро нақл мекард.

Дониш – чароғи ақл аст

Қаҳрамони очерки мо Ҳаким Истамов шахси пурдида ва ҷаҳонгашта аст. Вай дар қитъаи Америко, Олмон, Италия, Фаронса, Ҷопон ва дигар кишварҳои ҷаҳон азми сафар карда, бо олимону ҳамкасбон ришталҳои дӯстӣ дорад.

– Ман оламу одамони бисёре дидам, – гуфт Ҳаким Исломович, – аммо Самарқанд ҷону дилам. Хеле хушҳол ҳастам, ки зодгоҳам ба ҷаннати рӯйи Замин табдил ёфтааст. Ҳар гоҳ тавассути оинаи нилгун шаҳри азизу муқаддаси худро бинам, беихтиёр таъбам болида гашта, замзама мекунам:

Биё, хуш, дилнишин, чӯши
баҳорон дар Самарқанд аст,
Гуландому суманбӯ,
лолаҳӯён дар Самарқанд
аст.
Дило, санҷида шуд ҳарфан,
бузургон дар Самарқанд
аст,
Хушандому парирӯ,
нозанинон дар Самарқанд
аст.

Ҳоло шаҳри мо бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ниҳоят ободу зебо гардид. Бовар кунед, чанде пеш бо меҳмонон ба Самарқанд омадем ва қариб, ки кӯча ва хиёбонҳои онро нашинохтем. Иншоотҳои замонавӣ қад афрохтаанд, шаҳракҳои нав бунёд шудаанд, ёдгориҳои таърихӣ аз таъмири хушсифат баромада, фавҷ-фавҷ сайёҳон аксбардорӣ мекунанд.

– Ҳаким Исломович, муштариёни «Овози тоҷик»-ро бо аҳли оилаатон шинос мекардед.

– Ҳамсарам Ирина дар Хуҷанд таваллуд ёфта, ба шаҳри мо омада, мактаби рақами 45-уми Самарқандро хатм кардааст. Вай хатмкардаи Донишкадаи авиатсияи Маскав, то нафақа дар бюрои конструктории киштии қайҳонии «Буран» фаъолият бурд. Ду нафар фарзанд дорем. Писарам Темуршоҳ иқтисодчӣ ва духтарам Умедабону соҳибкор аст. Бузургон гуфтаанд, ки «Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ, ки мусоҳиб бувад гаҳу бегоҳ». Воқеан, аз солҳои мактабхонӣ ба адабиёти классикӣ ва муосир дил баста будам. Асарҳои Толстой, Достоевский, Чехов, Тургенев, Жюл Верн, Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Чингиз Айтматов, Сергей Бородин ва дигарон, ба қавле, ҳар лаҳза дар танҳоӣ «сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест».

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Самарқанд.

Дар маҳаллаи Шарлауқи ноҳияи Тупроққалъаи вилояти Хоразм муассисаи таълими томактабии давлатии рақами 6 азнав бунёд гардида, ба истифода супурда шуд.

Дар маросими кушодашавии он ҳокими ноҳия Акмал Ҷималязов, роҳбарони секторҳо, нурониён ва аҳли ҷамоа иштирок намуданд.

Муассисаи мазкур дар доираи барномаи инвеститсионӣ аз ҳисоби маблағи 4,8 млрд. сӯм азнав сохта шуд, ки пас дар ин ҷо ба ҷойи 90 нафар 150 нафар бачаҳо таълиму тарбия хоҳанд гирифт.

Дар ин ҷо толори мусиқии замонавӣ, ошхона, хобгоҳ ва бозигоҳ бунёд гардида, бо таҷҳизоти зарурӣ ҷиҳозонида шудааст, ки ин ба пурмазмун гузаштани ҳар рӯзи хурдтаракон мусоидат мекунад.

Дар сурат: *дар муассисаи таълими томактабии рақами 6-уми ноҳияи Тупроққалъа.*

Суратгир: Б. САИДОВ (ЎзА).

АВТОМОБИЛҲОИ НАВИ ЁРИИ ТАЪҲИЛӢ

Дар мамлакатамон масъалаи қадру қимати инсон ба сатҳи сиёсати давлатӣ қарор дорад. Мустаҳкам намудани пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои ҳифзи тандурустӣ, зина ба зина бо автомобилҳои замонавии «Ёрии таъҳилӣ» таъмин намудани онҳо дар маркази диққати давлат аст.

Дар арафаи Соли нав ба Бухоро оварда шудани 20-то автомобили ёрии таъҳилии нави замонавӣ, ки аз ҷониби ҳукумати мамлакат ҷудо гардидааст, инро бори дигар собит месозад. Дар майдони «Регистон»-и нагзди Арки шаҳри Бухоро маросими тантанавии ба нуқтаҳои тиббӣ супорида шудани ин автомобилҳо сурат гирифт. Дар он ҷонишини ҳокими вилоят Миралӣ Ҳамроев ба сухан баромада, дар бораи ислоҳоти соҳа таҳти роҳбарии сарвари давлат ҳарф зада, ҳозиронро бо Соли нави фарорасида ва туҳфаи муносиб – автомобилҳои нав муборакбод намуд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин автомобилҳо – «Volkswagen Caddy» дорои воситаҳои зарурии ахбор-коммуникатсия ва тиббию техникӣ буда, ҳангоми ҳаракати онҳо низ ба беморон имконияти расондани ёрии тиббӣ мавҷуд аст.

А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

«МАН БА ГУМРОҲОН НАГАРДИДАМ ШАРИКИ РӮЗГОР...»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ман ҳанӯз даҳон накушода гуфт: – Устод, ман барои шаш моҳ ба «Овози тоҷик» обуна мешавам. Баъдтар боз давом медиҳам. Нархи солонаи рӯзнома гарон аст: 914 ҳазор сӯм. Бинобар кам-кам обуна мешавем.

Доири ҷашни садсолагии рӯзномаи «Овози тоҷик» сӯҳбат оростем. Муаллимони мактаби мазкур дар масъалаи обуна аз ҳамаи муаллимони мактабҳои тоҷикии ноҳия фаъол буданд.

Иззатулло Алибоев пайваста меомӯзад, китобу рӯзнома меҳонад. Ба маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» низ обуна шудааст. Пешсафи ҷамоа аст Иззатулло. Месазад, ки ҷавонон ўро пайгирӣ кунанд. Кош дар ҳар маҳаллаву мактаб чунин ашхоси фаъолу соҳибмаърифат зиёд бошад. Солҳои охир дар бисёр давраву нишасти синтабиҳо ҳузур дорам. Як нуктаро ба одамони чандин деҳоти дигар таъкид доштам, такроран таъкид медорам: дар Синтаб қисми зиёди одамон китоб меҳонанд. Зимни суҳбат на аз боби молу пул, балки доири китоби хондаашон баҳс мекунанд. Борҳо ба ин ҳодисаи хурсандибахш шоҳид будам.

Хушбахт аст муаллими Иззатулло. Даҳҳо нафар шогирдонаш имрӯз дар донишгоҳҳои Самарқанд, Бухоро, Чирчиқ, Тирмиз ва Ҷиззах таҳсил доранд. Парвин барин шогирдон аз пайи устод рафта, бо ӯ паҳлӯ ба паҳлӯ кор мекунанд.

Мегӯянд, ки шогирд аз устод мегузаронад. Оре, чунин ҳам ҳаст. Маҷмӯаи шеърҳои Парвин бо номи «Башорат» («Тамаддун», 2017) бо раҳнамоӣ ва маслиҳати Иззатулло чоп гардид.

Оилаи намунавӣ дорад Иззатулло. Ҳоло се нафар духтарони хурдиаш дар Самарқанд ва Чирчиқ таҳсили илм доранд: Таҳмина, Марворид ва Фарангис.

– Бисёр хушбахтам, – гуфт зимни суҳбат Иззатулло. – Соли хониши гузашта 16 нафар толибилм синфи ёздаҳро хатм намуд. Аз онҳо дувоздаҳ нафар донишҷӯ гардиданд. Ин аст самараи меҳнати пурмашаққати муаллим.

Шоир фармудааст:

Ман ба гумроҳон
нагардидам шарики
рӯзгор,
З-ин сабаб дар
синаам меҳри ҷаҳон
шуд нурбор.

Ӯзбакбойи
РАҲМОН,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125.
Адади нашр 262. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 20.00
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.